**ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2013, №3, мод. 197) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим менамояд.».

2. Дар моддаи 1:

- сархатҳои якум ва чорум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- **зӯроварӣ дар оила** - кирдори зиддиҳуқуқии қасдона ё таҳдиди содир намудани кирдори дорои хусусияти ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва шаҳвонӣ, инчунин муносибати беэътиноёнаи аз ҷониби як узви оила нисбат ба узви дигари оила, ки ҳуқуқу озодиҳои ин шахсонро поймол мекунанд ва ё поймол карда метавонанд, шаъну шарафи онҳоро паст мезананд, зарари ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ мерасонанд ва ба маҷбуран ё қасдан маҳрум сохтан аз озодӣ оварда мерасонанд;

- **зӯроварии равонӣ дар оила** - таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ, иқтисодӣ, таъсири равонӣ, таҳқири шаъну шараф аз ҷониби як узви оила нисбат ба узви дигари оила, ҳамчунин маҷбур сохтан ба содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки боиси вайрон шудани рушди равонӣ, ҷисмонӣ ё шахсӣ ва поймол шудани ҳуқуқу озодиҳо мегарданд;».

3. Аз матни моддаи 3 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

4. Дар моддаи 6:

- ба сархати якум пас аз калимаи «гирад» калимаҳои «, аз ҷумла аз хизматрасонии муассисаҳои тиббии давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида ройгон истифода барад» илова карда шаванд;

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- барои ҷуброни зарари моддию маънавии дар натиҷаи содиршавии зӯроварӣ дар оила ба ӯ расонидашуда ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд;»;

- ба сархати чорум пас аз калимаи «ба» калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,» илова карда шаванд.

5. Ба моддаи 7 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- таъсиси Шӯрои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи низомномаи он;»;

6. Сархати чоруми қисми 2 моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ташкили ҳуҷраҳои муваққатӣ, додани паноҳгоҳ барои будубоши муваққатии ҷабрдида;».

7. Моддаи 16[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи 16[1]. Телефони боварии субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила**

Субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила метавонанд хати алоқаи телефони бовариро фаъол намоянд.».

8. Дар қисми 4 моддаи 18 калимаҳои «аз болои қарор дар бораи» ба калимаҳои «нисбат ба» иваз карда шаванд.

9. Дар қисми 5 моддаи 21 рақамҳои «15» ва «30» мувофиқан ба рақамҳои «30» ва «60» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш.Душанбе
20 июни соли 2024
№ 2064

**ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ И ДОПОЛНЕНИЙ В ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ»

**Статья 1.** Внести в Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье» от 19 марта 2013 года (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №3, ст. 197) следующие изменения и дополнения:

1. Преамбулу Закона изложить в следующей редакции:

«Настоящий Закон регулирует общественные отношения, связанные с предупреждением насилия в семье.».

2. В статье 1:

- абзацы первый и четвертый изложить в следующей редакции:

«- **насилие в семье** - умышленное противоправное действие или угроза совершения деяния физического, психического, экономического и сексуального характера, а также пренебрежительное отношения одного члена семьи к другому члену семьи, нарушающее или могущее нарушить права и свободы этих лиц, унижают их достоинство, наносят физический или моральный вред, приводят к принудительному или умышленному лишению свободы;

- **психологическое насилие в семье** - угроза физического, сексуального, экономического насилия, психологическое воздействие, унижение чести и достоинства лиц, совместно проживающих с ведением общего хозяйства к совершению правонарушений или деяний, которые приводят к нарушению психологического, физического или личностного развития, нарушению прав и свобод;».

3. В статье 6:

- абзац первый после слов «социальной помощи» дополнить словами «, в том числе бесплатное пользование услугами государственных медицинских учреждений в установленном порядке;»;

- дополнить абзацем вторым следующего содержания:

«- на обращение в соответствующие органы за компенсацией морального и материального вреда, причиненного в результате совершения в их отношении насилия в семье;»;

- абзац четвёртый после слов «на обращение в» дополнить словами «органы самоуправления посёлков и сёл и;».

4. Абзац третий статьи 7 изложить в следующей редакции:

«- создание Межведомственного совета при Правительстве Республики Таджикистан по предупреждению насилия в семье и утверждение его положения;».

5. Абзац четвертый части 2 статьи 16 изложить в следующей редакции:

« - организация временных помещений, предоставление приюта для временного пребывания потерпевшего;».

6. Дополнить статьёй $16^1$ следующего содержания:

«**Статья $16^1$. Горячие телефонные линии субъектов по предупреждению насилия в семье**

Субъекты по предупреждению насилия в семье могут активировать горячую телефонную линию для оказания юридической, экономической, медицинской и социальной помощи потерпевшим от домашнего насилия.».

7. В части 4 статьи 18 слова «Постановление о применении» заменить словом «Применение».

8. В части 5 статьи 21 цифры «15» и «30» соответственно заменить цифрами «30» и «60».

**Статья 2. Порядок введения в действие настоящего Закона**

Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

**Президент**
**Республики Таджикистан** **Эмомали Рахмон**

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

г. Душанбе
20 июня 2024 года
№ 2064

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН**
**МАДЖЛИСИ ОЛИ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул карда шавад.

Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — М. Зокирзода

БАХШИ ПРОТОКОЛӢ

ш. Душанбе, 17 апрели соли 2024,
№1276

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН**
**МАДЖЛИСИ ОЛИ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О принятии Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье»

В соответствии со статьёй 60 Конституции Республики Таджикистан Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан **постановляет:**

Принять Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье».

Председатель Маджлиси намояндагон
Маджлиси Оли Республики Таджикистан — М. Зокирзода

БАХШИ ПРОТОКОЛӢ

г. Душанбе, 17 апреля 2024 года,
№1276

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ МИЛЛИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

---

Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами Эмомалӣ

ш. Душанбе,
19 июни соли 2024,
№504

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**
**МАДЖЛИСИ МИЛЛИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

---

О Законе Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье»

В соответствии со статьей 60 Конституции Республики Таджикистан Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан постановляет:

Одобрить Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «О предупреждении насилия в семье».

Председатель
Маджлиси милли Маджлиси
Оли Республики Таджикистан — Рустами Эмомали

г. Душанбе,
19 июня 2024 года,
№504